# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Комилов Меҳроҷ Шарифович дар мавзӯи «Фаъолияти китобхонаҳои Тоҷикистон дар даврони истиқлол (солҳои 1991-2016)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ пешниҳод шудааст**

Дар даҳсолаи аввали соҳибистиқлолии Тоҷикистон соҳаи фарҳангу санъат низ чун дигар соҳаҳои ҳаёти сиёсию иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ба душворию мушкилоти вазнин мувоҷеҳ гардид. Ин даҳсоларо, ки бо далелҳои сар задани ҷанги шаҳрвандӣ ва бо таъсири он ба вуҷуд омадани бӯҳрони шадиди сиёсию иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, аз фаъолият боз мондани садҳо театрҳои халқию гурӯҳҳои ҳунарӣ, осорхонаву китобхонаҳо, тарки диёр кардани арбобони намоёну машҳури соҳа ва даҳҳо дигар зуҳуротҳои манфӣ характернок мебошад, метавон ҳамчун давраи заволи муваққатии илму фарҳанги ҷумҳурӣ тавсиф намуд.

Мавриди зикр аст, ки шурӯъ аз оғози асри нави XXI ва минбаъд на танҳо тамоюли таназули илму фарҳанг ва санъат дар ҷумҳурӣ боздошт гардид, балки таҳаввулоти тадриҷии рушду инкишофи ин соҳаҳо таъмин карда шуд. Тоҷикистони соҳибистиқлол тавонист, ки ба туфайли ҷаҳду талошҳои Ҳукумати кишвар, бахусус ташаббусҳои созандаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пояҳои фарҳангу санъати миллиро пойдору устувор гардонида, дар тамоми самтҳои таркибии ин соҳаҳо, аз ҷумла соҳаи китобдорӣ дар як муддати кӯтоҳи таърихӣ ба дастовардҳои бузург ноил гардад. Аммо, то кунун дар таърихнигории ватанӣ оид ба ин масъалаи муҳим таҳқиқотҳои назаррас ба анҷом нарасидаанд. Аз ин рӯ, мавриди таҳқиқ қарор гирифтани мавзӯи «Фаъолияти китобхонаҳои Тоҷикистон дар даврони истиқлол» саривақтӣ ва рӯзмарра мебошад.

Муҳим будани мавзӯи рисолаи номзадии Комилов Меҳроҷ Шарифович боз дар он зоҳир мегардад, ки бо саю кушиши ӯ бори нахуст дар илми таърих фаъолияти китобхонаҳои электронӣ ҳамчун марказҳои нави ҷамъоварӣ, ҳифзу нигоҳдорӣ ва истифодаву интиқоли ҳуҷҷатҳои электронӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Таҳқиқи фаъолияти ин нави китобхонаҳо, аз як ҷониб, дар шароити ҷаҳонишавии ҷомеаи иттилоотӣ ва рушди пайвастаи технологияи муосири иттилоотӣ-коммуникатсионӣ мубрамиятро касб намояд, аз ҷониби дигар, барои муайяну мушаххас намудани нақш ва ҷойгоҳи китобхонаҳои электронӣ дар рушди фаъолияти китобдории ҷумҳурӣ муҳим мебошад.

Дар маҷмӯъ омӯзиши ҳамаҷонибаи мавзӯъ ва ҷамъбасти натиҷаҳои илмии он дар ин давраи нави таърихӣ имкон медиҳад, ки доир ба масъалаи таҳқиқшаванда донишҳои нави илмӣ ба даст ояд ва ҳамзамон раванди ташаккули китобхонаҳои гуногун ва дурнамои рушди онҳо ҳамчун яке аз омилҳои муҳимтарини рушди устувори иҷтимоиву фарҳангии мамлакат арзёбӣ карда шавад.

Муаллиф барои таҳқиқи мавзӯъ теъдоди зиёди адабиёти чопӣ ва электрониро ҷамъоварӣ намуда, пас аз коркарду омӯзиш дар шакли феҳристи алоҳида таҳти унвони «Китобхонаҳои Тоҷикистон дар даврони истиқлол» мураттаб сохтааст, ки аз нигоҳи банду баст, мазмуну муҳтаво, интихобу хостагирӣ ва тавсифнигориву гурӯҳбандии мавод яке аз муҳимтарин дастоварди библиографияи тоҷик дар даврони истиқлол маҳсуб меёбад. Ин феҳрист соли 2016 ба табъ расида, аз 7 қисм иборат аст ва 1382 номгӯи адабиёти дар тӯли солҳои 1991-2016 ба забонҳои тоҷикиву русӣ интишорёфтаро, фаро мегирад. Феҳрист ба муҳаққиқони соҳа роҷеъ ба таърихи афкори китобдории тоҷик, пайдоиш ва рушди донишҳои китобдорӣ, фаъолияти ҳама намудҳо ва шаклҳои китобхонаҳои мамлакат дар даврони истиқлол маводи пурарзишро манзур менамояд. Воқеан тавассути ин феҳрист бори нахуст барои муҳаққиқону мутахассисони соҳа номгӯи зиёди асноди меъёриву ҳуқуқӣ, осори Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, адабиёти илмиву методӣ ва таълимӣ доир ба

фаъолияти китобдорӣ пешниҳод шудааст, ки ин пеш аз ҳама аз дараҷаи омодагӣ, қобилияти хуби пажӯҳишӣ, сатҳи касбият ва масъулияти баланди таҳқиқотчигии муаллифи рисола дарак медиҳад.

Имрӯз феҳристи мураттабсохтаи муаллиф дар корҳои илмӣ-таҳқиқотии мутахассисона соҳа ва фаъолияти амалии китобдорони ҷумҳурӣ ҳамчун сарчашмаи муҳим дар раванди пажӯҳиш ва интихоби адабиёти зарурӣ ҷиҳати омӯзиши фаъолияти гуногунҷабҳаи китобхонаҳои мамлакат мавриди истифода қарор мегирад.

Шиносоӣ ва таҳлили рисолаи номзадии М. Ш. Комилов нишон медиҳад, ки яке аз хусусиятҳои фарққунандаи кори анҷомдодашуда бо таври муҷтамеъ (комплексӣ) мавриди омӯзиш қарор гирифтани фаъолияти китобхонаҳои анъанавӣ ва электронӣ мебошад, ки барои ҳалли онҳо муҳаққиқ маъхазҳо ва маводҳои мухталифро истифода кардааст. Ба сифати арзишҳои илмии таҳқиқот нуктаҳои зеринро қайд кардан мумкин аст: бо истифода аз манбаъҳои муътамад, шумораи зиёди маводи илмӣ бори аввал таҳлили амиқ ва ҳамаҷонибаи фаъолияти китобхонаҳои Тоҷикистон дар давраи солҳои 1991-2016 дода шудааст; дар заминаи омӯзиши паҳлуҳои гуногуни фаъолият ва вижагиҳои технологию касбӣ, тамоюлҳои тағйирпазирии мусбату манфии китобхонаҳои анъанавӣ ва электронии мамлакат роҳҳои минбаъдаи рушди фаъолияти онҳо нишон дода шудааст; дар диссертатсия маъхазҳои нав, санаду далелҳои нав, ки то ба имрӯз барои муҳаққиқон дастрас набуданд, истифода шуда, пешниҳод гардидааст. Ин саҳми бевоситаи муаллиф дар таҳияи мавзӯи интихобшуда мебошад, ки барои ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ, фарҳангӣ ва илмии Тоҷикистони соҳибистиқлол муҳим мебошад.

Бояд қайд кард, ки сохтори рисолаи Комилов Меҳроҷ Шарифович ба талаботҳои рисолаҳои номзадӣ ҷавобгӯ буда, аз муқаддима, ду боб, шаш зербоб, хулоса, рӯйхати адабиёти истифодашуда ва замимаҳо иборат мебошад. Бобу зербобҳои рисола мазмунан ва мантиқан бо ҳам пайваст буда, якдигарро пурра мекунанд ва дар маҷмӯъ мавзӯи таҳқиқшавандаро дуруст ва хуб инъикос мекунанд.

Муҳаққиқ тавонистааст, ки дар мукаддимаи рисола оид ба аҳаммият ва арзиши илмии мавзӯи таҳқиқ, вазъи умумии омӯзиши он, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва мавзӯъҳои илмӣ маълумоти дақиқ диҳад. Ҳамзамон дар муқаддима навигарии илмӣ, арзиши назариявию амалии таҳқиқот асоснок гардида, мақсаду вазифа, объекту предмет, асоси назариявӣ-методологӣ, усулҳои таҳқиқот, чаҳорчӯбаи хронологӣ ва пойгоҳи сарчашмавии таҳқиқот мушаххасу муайян, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ таҳлилу баррасӣ шудааст.

Боби якуми рисола **«Омилҳои ташаккул ва таҳаввули китобхонаҳои Тоҷикистон дар даврони истиқлол»** унвон дорад. Он аз се зербоб иборат буда, дар бораи заминаҳои иҷтимоию сиёсӣ ва фарҳангии фаъолияти китобхонаҳои Тоҷикистон дар даврони истиқлол (солҳои 1991-2016), сиёсати давлатӣ дар соҳаи китобдорӣ ва нақши озмуну фестивалҳои китобдорӣ дар такмили фаъолияти китобхонаҳои мамлакат, баҳс мекунад.

Дар зербоби аввали боби якум – **«Заминаи иҷтимоӣ-сиёсӣ ва фарҳангии фаъолияти китобхонаҳо»** муаллиф дар асоси сарчашмаҳои муътамад фаъолияти чорякасраи навъҳои гуногуни китобхонаҳои мамлакатро мавриди омӯзишу таҳлил қарор дода, ин давраро ба ду марҳила: солҳои 1991-2000 ва 2001-2016 тақсим кардааст. Бино ба маълумоти муаллиф дар марҳилаи якум бо сабабҳои айниву зеҳнӣ, бахусус оғозу идомаи ҷанги шаҳрвандӣ дар радифи дигар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ китобхонаҳо низ рӯ ба таназзул ниҳода, дар минтақаҳои ҷангзада ҳатто фаъолияти бештари онҳо қатъ ёфтаанд. Чунонки аз таҳлилҳои муҳаққиқ бармеояд дар ин марҳилаи таърихӣ нишондиҳандаҳои асосии фаъолияти китобхонаҳо бо таври назаррас коҳиш ёфта, на танҳо шумораи китобхонаҳо, балки фонди китобхонаҳои мамлакат ва теъдоди хонандагони онҳо низ сол то сол кам шудааст.

Дар марҳилаи дуюм – солҳои 2001-2016, аз ҷониби Ҳукумати ҷумҳурӣ ба рушди соҳаи китобдорӣ таваҷҷуҳи амиқ зоҳир карда шуд.

Дар ин давра заминаи меъёриву ҳуқуқии китобхонаҳои мамлакат тақвият ёфт ва барномаҳои давлатӣ дар соҳаи китобдорӣ қабул карда шуданд, ки татбиқи онҳо барои ба зинаи нави рушд ворид шудани китобхонаҳои мамлакат мусоидат карданд.

Аҳамияти қабули барномаҳои давлатии соҳаи китобдорӣ ва вазъи воқеии татбиқи онҳо дар фаъолияти китобхонаҳои кишвар дар **зербоби дуюми боби аввали диссертатсия** мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Дар ин зербоб муаллифи рисола бо истифода аз маводи бойгонӣ доир ба татбиқи ҳар як барнома бо мисолҳои мушаххас маълумот дода, сабабҳои иҷро нагардидани баъзе аз нақшаи чорабиниҳои барномаҳои мазкурро шарҳу эзоҳ додааст.

Дар **зербоби сеюми боби аввали диссертатсия** муаллиф нақш ва мақоми фестивалу озмунҳои соҳаи китобдориро дар баланд бардоштани завқи китобхонии хонандагон ва густариши анъанаҳои китобдории тоҷикон бисёр муҳим арзёбӣ намуда, аҳамият ва натиҷаи баргузории фестивалҳои «Китоб ва мусиқӣ», «Ҳафтаи китоби кӯдакону наврасони Тоҷикистон», озмунҳои «Чароғи ҳидоят», «Дониш талабу бузургӣ омӯз», «Китобхонаи намунавӣ», «Ҳамнишине беҳ аз китоб махоҳ», «Китобдор, китобхона ва китобхонаи шахсии сол» дар даврони соҳибистиқлолии кишвар шарҳу эзоҳ додааст.

Масоили таърихи пайдоиш, зинаҳои инкишоф ва фаъолияти китобхонаҳои электронӣ ҳамчун марказҳои нави фароҳамоварӣ, ҳифзу нигоҳдорӣ ва истифодаву интиқоли манобеи электронӣ дар ҷумҳурӣ дар боби дуюми диссертатсия – **«Пайдоиш ва ташаккули китобхонаҳои электронӣ дар Тоҷикистони муосир»** мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.

Дар зербоби якуми боби дуюми диссертатсия **«Имкониятҳои китобхонаҳои электронӣ дар тавлид ва пахши иттилоот»** муҳаққиқ бо истифода аз таҷрибаи муфиди китобхонаҳои мамлакат кӯшиш ба харҷ додааст, ки вижагиҳои созмондиҳӣ ва мудирияти фаъолияти китобхонаҳои электронии анъанавӣ ва маҷозиро ба риштаи таҳрир дарорад. Ба андешаи диссертант ворид шудани воситаҳои муосири

иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар фаъолияти китобхонаҳои мамлакат ва пайваст шудани китобхонаҳо ба шабакаи байналмилалии Интернет на танҳо барои роҳандозии тарзу усулҳои нави хизматрасонии китобдорӣ ва сари вақт қонеъ намудани эҳтиёҷоти ба иттилоот доштаи хонандагон мусоидат намуд, балки барои бунёди захираҳои ҳуҷҷатҳои электронӣ ва дар ин замина беҳтар намудани фаъолияти китобхонаҳои электронӣ ва бунёди сомонаҳои интернетӣ шароити мусоид фароҳам овард.

Дар зербоби дуюми боби дуюми рисола **«Раванди компютеркунонии китобхонаҳо»** масъалаҳои компютеркунонӣ ва корбурди технологияи муосири иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар фаъолияти китобхонаҳои мамлакат, мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Диссертант вазъи таъмин ва истифодаи технологияи муосирро дар фаъолияти китобхонаҳои мамлакат таҳлил намуда, истифодаи натиҷаи таҳқиқотҳои доиршударо ҷиҳати ислоҳи камбудиҳои ҷойдошта бисёр муҳим арзёбӣ кардааст.

Дар **зербоби сеюми боби дуюми** таҳқиқот вижагиҳои фаъолияти шабакаи китобхонаҳои электронӣ дар ҷумҳурӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Диссертант масъалаҳои бунёди китобхонаҳои электронӣ ва сомонаҳои интернетии ташкилоту идораҳо ва мактабҳои таҳсилоти олии кишварро таҳлил намуда, афзалиятҳои фаъолияти онҳоро дар қонеъ намудани ниёзҳои иттилоотӣ-маърифатии хонандагон нишон додааст. Ҳамзамон дар ин зербоб нақш ва мақоми сомонаҳои интернетӣ ҳамчун воситаи муҳимми тавлид ва пахши донишҳои марбут ба соҳаи китобдорӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Қайд мегардад, ки имрӯз сомонаҳои интернетӣ имкон доранд, ки ҳарчи бештар маводи арзишманди илмиву методӣ ва тавсиявиро роҷеъ ба донишҳои китобдорию иттилоотӣ мавриди тарғибу ташвиқ қарор диҳанд ва фаъолияту дастовардҳои воқеии китобхонаҳоро дар саҳифаҳои худ муаррифӣ намоянд. Зарурати пешниҳоди чунин маводро диссертант бо чунин омилҳо алоқаманд кардааст. Якум, аз ҷониби марказҳои илмӣ-методӣ барои китобдорон ҷиҳати ташкили кор дар китобхонаҳо ва вижагиҳои касби китобдорӣ

маводи илмию методӣ ва тавсиявӣ кам таҳияву интишор мешаванд. Дуюм, рушди устувори технологияи муосир ва дар ин робита ҷорӣ шудани навгониҳо дар фаъолияти китобхонаҳои мамлакат пайваста мукаммал гардонидани сатҳи дониши тахассусии китобдоронро тақозо мекунад.

Дар хулосаи диссертатсия натиҷаҳои асосии таҳқиқот ҷамъбаст гардида, тавсияҳои амалӣ ва хулосаҳои зарурӣ ҷиҳати беҳтар намудани фаъолияти китобхонаҳои мамлакат ва дурнамои рушди онҳо пешниҳод шудааст.

Дар рафти баррасии диссертатсия ба чунин хулоса расидем, ки сохтор ва муҳтавои асосии кор мувофиқ ба талабот ва меъёрҳои муайяншудаи марбут ба диссертсияҳои номзадии КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро шуда, ҷавобгӯи он мебошад.

Автореферат ба мазмун ва мундариҷаи диссертатсия мувофиқат карда, натиҷаҳои асосии таҳқиқот ва тавсифи мухтасари бобу зербобҳои онро инъикос менамояд.

Мазмуну муҳтаво ва натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 1 рисола ва 27 мақолаи таълифнамудаи муаллиф инъикос ёфтаанд, ки 4-тои он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидааст.

Дар баробари дастовардҳо дар таҳқиқоти диссертатсионӣ баъзе камбудӣ ва норасоиҳо ба чашм мерасанд, ки муҳимтаринаш инҳо мебошанд:

1. Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ ба яке аз самтҳои муҳимми фаъолияти китобхонаҳо – хизматрасонии библиографӣ кам таваҷҷуҳ зоҳир карда шудааст.

2. Муаллиф дар зербоби аввали боби якуми таҳқиқот барои дастрасии ҳамаи маҳалҳои аҳолинишини деҳоти кишвар ба хизматрасонии китобдорӣ, таъсиси китобхонаҳои мутаҳаррикро муҳим арзёбӣ кардааст, аммо оид ба истифодаи таҷрибаи ин навъи китобхонаҳо маълумот надодааст.

3. Дар диссертатсия баъзе камбудиҳои имлоӣ ва техникӣ ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо ба манфиати кор мебошад.

Новобаста аз ин, камбудиҳои ишорашуда ба мазмуну мундариҷаи таҳқиқоти диссертатсионӣ таъсири манфӣ намерасонанд. Онҳо хислати тавсиявӣ дошта, метавонанд ҳангоми иҷрои корҳои илмӣ-таҳқиқотии минбаъда мавриди эътибор қарор гиранд.

Ҳамин тавр, таҳқиқоти диссертатсионии Комилов Меҳроҷ Шарифович дар мавзӯи «Фаъолияти китобхонаҳои Тоҷикистон дар даврони истиқлол (солҳои 1991-2016)» ба яке аз мавзӯъҳои муҳимму мубрами даврони соҳибистиқлолӣ бахшида шуда, таҳқиқоти мукамал ва анҷомёфта маҳсуб меёбад. Диссертатсия ба талаботи бандҳои 10, 11, 12, 14 ва 16 - и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми ноябри соли 2016 таҳти №505 ба тавсиб расидааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.02 - Таърихи ватанӣ мебошад.

**Муқарризи расмӣ,**
**номзади илмҳои таърих,**
**дотсент, муовини**
**вазири фарҳанги**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Қ. Б. Абдураҳимзода**

**30 апрели соли 2021**

**Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 34**
**тел: 905016767; 2210305**
**E-mail: kurbonalib@mail.ru**

**Имзои Қ. Б. Абдураҳимзодаро**
**тасдиқ мекунам**
**Сардори ШК** **Р. Толибова.**

ВАЗОРАТИ ФАРҲАНГИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ШУЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС